Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исматзода Исматулло Бобохуча дар мавзуи «Масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст**

Масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз мавзуъҳои муҳим ва мубрами илми ҳуқуқшиносӣ, махсусан дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба ҳисоб меравад.

Мубрамияти мавзуи мазкур дар он ифода меёбад, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ, густариши муносибатҳои иқтисодию тиҷоратии байналмилалӣ, вусъати муҳоҷирати меҳнатӣ, афзоиши сармоягузориҳои хориҷӣ ва иштироки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар муомилоти фаромиллӣ зарурати танзими дақиқ ва самараноки муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ зиёд мегардад.

Дар шароити навин нақши меъёрҳои коллизионӣ ҳамчун воситаи асосии муайян намудани ҳуқуқи татбиқшаванда ба муносибатҳои мазкур аҳаммияти хоса касб менамояд. Нодуруст ё нокифоя татбиқ гардидани меъёр метавонад боиси ба вуҷуд омадани баҳсҳои ҳуқуқӣ, мушкилоти амалисозии ҳуқуқу уҳдадориҳо, инчунин халалдор гардидани ҳимояи манфиатҳои субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ гардад.

Ҳамзамон, бояд зикр намуд, ки дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе мушкилот вобаста ба татбиқи меъёрҳои коллизионӣ, аз ҷумла муайян намудани ҳуқуқи татбиқшаванда, эътирофи санадҳои хориҷӣ ва ҳамоҳангсозии қонунгузории миллӣ бо меъёрҳои байналмилалӣ ба назар мерасанд.

Омилҳои номбурда зарурати таҳқиқоти амиқи илмиро дар самти такмил ва рушди механизмҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ ба миён меорад, ки дар ин самт таҳқикоти илмии муаллиф муҳим ва саривақтӣ мебошад. Бо ин назардошт, аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ ва амалӣ таҳқиқоти диссертатсионии мазкур мубрам ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

Дар автореферати диссертатсияи Исматзода И.Б. мубрамият, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот ифода карда шудааст. Аз мазмуни автореферати диссертатсия бармеояд, ки таҳқиқоти анҷомдодаи Исматзода И.Б. паҳлуҳои асосии мавзуи мавриди назарро фаро гирифта, нисбат ба масоили таҳқиқталаби он аз ҷониби муаллиф баҳои асосноки илмӣ дода шудааст.

Тавре аз муҳтавои дар автореферат зикргардидаи мавзуъ бармеояд, сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст.

Дар афтореферат як зумра навгониҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда дарҷ шудаанд, ки ба таври мушаххас ва асоснок манзур гардида, яке аз натиҷаҳои мусбии таҳқиқот ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла, мафҳуми меъёри коллизионӣ, мураттабсозии хусусияти меъёрҳои коллизионӣ, таснифоти онҳо, шаклгирии меъёрҳои коллизионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаҳои таърихӣ баён гардидаанд.

Таҳлили қонунгузорӣ, бахусус меъёрҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии

Тоҷикистон анҷом пазируфта пешниҳод оид ба такмили меъёрҳои он манзур гардидааст. Бо дарназардошти таҳлил аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудааст, ки дар қонунгузорӣ боби алоҳида бо номи “Амал ва татбиқи меъёрҳои коллизионӣ” ворид гардад, ки нуктаи қобили таваҷҷуҳ дар сатҳи илми ҳуқуқшиносӣ то ҳол пешниҳод нагардида аст.

Диссертант дар кори таҳқиқотии худ ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардидаа, новобаста аз ин дар автореферат як қатор камбудиҳоро мушоҳида намудан мумкин аст, аз ҷумла:

1. Автореферат ба забони хуби илмӣ омода гардидааст, аммо дар он боз ҳам хатогиҳои имлоиву услубӣ ба мушоҳида мерасад.

2. Ҳаҷми автореферат ба талаботҳои таҳияи автореферат мувофиқ мебошад, аммо хуб мебуд, ки маълумоти васеътар дар бораи бобҳои диссертатсия оварда мешуд.

Эродҳои мазкур ба сатҳ ва сифати автореферати диссертатсия таъсир нарасонида, мазмуну моҳияти илмӣ ва амалии таҳқиқотро коста намегардонанд.

Маврид ба зикр аст, ки натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 9 мақолаи илмӣ инъикос гардида, аз он 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Исматзода Исматулло Бобохуҷа мазмун ва моҳияти диссертатсияро инъикос намуда, дар он масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пай дар пай бо дарназардошти нуктаҳои назариявӣ ва амалӣ матраҳ гардида, нисбат ба онҳо баҳои дурусти ҳуқуқӣ дода шудааст.

Автореферат ва диссертатсия ба талаботи муқарраркардаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби

муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ, нуктаҳои нави илмӣ мебошад. Бинобар ин, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
сардори раёсати робитаҳои хориҷӣ
байнипарламентӣ ва ташрифотии,
Дасстгоҳи Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадшозода Ф.А.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
Н. И.Сомони, хиёбони Рудаки 42,
Мобилӣ 004-77-25-3 5
E-mail: makhmadshoevfarkhod@mail.ru

Имзои Маҳмадшозода Фарҳод Абдураҳмонро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории махсуси
Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Ф.С

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДАСТГОҲИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Суроғаи муассиса: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 42.**
Тел: 221-33-07, e-mail: k3adr.harlament.@mail.ru
«11» 04 2026